**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ.,
генерал-майори милитсия
______________ **Насуриён П.А.**

«08» ноябри соли 2024

**ХУЛОСАИ**

Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳқиқоти диссертатсионии Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

Диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ омода гардидааст. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи мавзуи илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷиноятҳои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва коррупсионидошта» ва кори илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД ҶТ «Хусусиятҳои пешгирӣ ва воситаҳои мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ дар муҳити ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон (2023-2028)» иҷро шудааст.

Дар замони муосир пайдоиш ва рушди технологияҳои иттилоотӣ ва истифодаи онҳо дар содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ

боиси ба муҳити илмӣ ва сатҳи қонунгузорӣ ворид шудани мафҳуми«экстремизми иттилотӣ» гардид.

Дар шароити рушди технологияи муосири иттилоотӣ раванди моилсозии ҷавонон ба ташкилоти экстремистӣ-террористӣ дар солҳои охир дар бештари ҳолатҳо бо воситаи шабакаи интернет сурат гирифта, амалҳои террористӣ низ бо истифода аз чунин технологияҳо роҳандозӣ гардида истодаанд. Дар ин раванд, киберфазо шароити мусоидро барои табодули афкор ва фаъолияти шумораи зиёди одамони сайёра дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ фароҳам сохта, миллиардҳо нафар одамонро ба ҳам муттаҳид месозад. Дар баробари ин, раванди ҷаҳонишавӣ оқибатҳои ногувори ҷамъиятиро низ ба бор оварда, дастовардҳои илму техника ва интернети умумиҷаҳонӣ имкон дод, ки ҷинояткорӣ низ хусусияти фаромиллӣ касб карда, шаклу усулҳои худро рӯз то рӯз тағйир диҳад.

Ташвиқоти густурдаи идеологияи экстремистӣ бо истифодаи ВАО, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет боиси моил сохтани бархе ҷавонони ноогоҳ ба гурӯҳҳои экстремистӣ-террористӣ гардидааст. Дар солҳои охир содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ дар давлатҳои гуногун аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, ки чунин тамоюл ба эътибори кишвар дар арсаи байналмилалӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо аз таҳдиду хатарҳои муосир, аз қабили терроризму экстремизм ва ҷиноятҳои киберӣ изҳори нигаронӣ намуда, дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми декабри соли 2022 дастур доданд, ки «ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои террористиву экстремистӣ боз ҳам вусъат бахшида шуда, корҳои фаҳмондадиҳӣ вобаста ба пешгирии гароиши ҷавонон ба равияҳои ифротгароӣ, бо роҳи дар рӯҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ тарбия намудани онҳо, тақвият дода шавад. Ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, зарур аст, ки Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад». Зеро созмонҳои террористӣ бо истифода аз технологияи муосири иттилоотӣ ва бо роҳи тафсири ғаразноки сарчашмаҳои динӣ дар мафкураи ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳ ғояҳои тундгароиро ҷой карда, онҳоро

ба қатлу куштор, барҳам задани амният ва суботу оромӣ дар мамлакатҳои гуногун ташвиқ менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ дар баробари адабиёти илмӣ, дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун яке аз мушкилоти мубрами замони муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аз ҷумла, дар «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» зикр гардидааст, ки таҳдиди экстремизм ва терроризм дар марҳилаи кунунӣ ба омили тарғиби ғояҳои экстремизм ва терроризм тавассути шабакаи интернет ва ҷалби ҷавонон ба сафи ташкилотҳои байналмилалии экстремистӣ-террористӣ асос ёфтааст.

Зикр намудан бамаврид аст, ки содиршавии ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ назар ба экстремизми анъанавӣ ба ҷамъият хавфнокии баландтарро касб мекунад, зеро экстремистон дар кӯтоҳтарин вақт метавонанд тафаккури шахсони зиёдро ифротӣ гардонанд, барои содир кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта нақшаҳои ҷиноятии худро ҳамоҳанг созанд ва гурӯҳҳои муташаккили экстремистӣ ташкил намоянд, ки чунин хавфу хатарҳо на танҳо ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ба давлатҳои минтақа ва ҷаҳон таҳдид менамоянд. Зиёда аз ин, қонунгузории амалкунандаи зиддиэкстремистӣ вобаста ба муайян намудани аломатҳои таркиби ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ки бо истифода аз технологияҳои муосири коммуникатсионӣ ва шабакаи интернет содир карда мешаванд, хеле ихтилофбарангез буда, таҷрибаи амалии татбиқ намудани моддаҳои дахлдори Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 374 ва 462(1) ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 189, 307, 307(1), 307(2), 307(3) якранг нест. Инчунин, тафриқакунонии чунин кирдорҳо вобаста ба дараҷаи хавфнокиашон, мутаносибан квалификатсияи онҳо ҳангоми рақобати меъёрҳои умумӣ ва махсус яке аз масоили мубрами илми муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба баррасии табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.**

Натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии муаллиф, инчунин, ҷанбаҳои гуногуни таҳқиқот, ки аз кори диссертатсионӣ ҳосил шудаанд, дар 13 мақолаи илмӣ, ки аз ин миқдор 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, инъикос гардидаанд. Ғайр аз ин, дар доираи таҳқиқот як монография, як дастури илмӣ-таълимӣ, як китоби дарсӣ ва як дастури таълимӣ-методӣ ба чоп расонида шудааст. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**I. Монография ва дастури илмӣ-таълимӣ:**

1. Аҳёзода, Ш.Т. Асосҳои муқовимат ба экстремизми (ифротгароии) динӣ (мазҳабӣ) [Матн]: монографияи дастҷамъона / Ш.Т. Аҳёзода [ва диг.] . – Душанбе: «Торус», 2022. – 260 с; ISBN 978-99985-67-01-6.

2. Аҳёзода, Ш.Т. Муқовимат ба экстремизм ва терроризм [Матн]: дастури илмӣ-таълимӣ / Ш.Т. Аҳёзода [ва диг.] . – Душанбе: «Торус», 2024. – 432 с; ISBN 978-99985-67-26-9.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

3. Аҳёзода, Ш.Т. Таҳдидҳои муосири экстремизми иттилоотӣ ва роҳҳои пешгирии он [Матн] / Ш.Т. Аҳёзода // Осори Академия. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, – 2019. – №4 (44). – С. 110-115; ISSN 2412-141X.

4. Аҳёзода, Ш.Т., Сабзализод Ф.С. Тавсифи умумии табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии терроризм, ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва мукаммалгардонии мафҳуми «маблағгузории терроризм» дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Т. Аҳёзода, Ф.С. Сабзализод // Осори Академия. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, – 2020. – №4 (48). – С. 132-140; ISSN 2412-141X.

5. Сафарзода Ҳ.С., Аҳёзода, Ш.Т. Вижагиҳои хосси ҷиноятҳои характери экстремистидошта, ки бо истифодаи ВАО, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет содир карда мешаванд [Матн] / Ҳ.С. Сафарзода, Ш.Т. Аҳёзода // Осори Академия. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, – 2021. – №4 (52). – С. 92-100; ISSN 2412-141X.

6. Аҳёзода, Ш.Т. Хавфи экстремизми иттилоотӣ ва асосҳои назариявии муқовимат ба он [Матн] / Ш.Т. Аҳёзода // Осори Академия. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, – 2022. – №1 (53). – С. 101-109; ISSN 2412-141X.

7. Аҳёзода, Ш.Т. Асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Т. Аҳёзода // Паёми

донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, – 2023. – №23. – С. 222-233; ISSN 2412-141X.

8. Аҳёзода, Ш.Т. Муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ дар доираи ҳамкориҳои созмонҳои минтақавӣ [Матн] / Ш.Т. Аҳёзода // Осори Академия. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, – 2023. – №4 (60). – С. 107-115; ISSN 2412-141X.

9. Аҳёзода, Ш.Т. Проблемаҳои мукаммалсозии бандубасти ҷиноятҳое, ки дар онҳо аломатҳои экстремизми иттилоотӣ инъикос ёфтаанд [Матн] / Ш.Т. Аҳёзода // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, – 2024. – №2. – С. 253-264; ISSN 2412-141X.

10. Аҳёзода, Ш.Т. Умумият ва фарқияти терроризми иттилоотӣ ва экстремизми иттилоотӣ [Матн] / Ш.Т. Аҳёзода // Илм ва амният. – Душанбе: Нашриёти «Мехвар»-и Мактаби Олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2024. – №3 (9). – С. 96-102; ISSN 2959-6394.

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

11. Аҳёзода, Ш.Т. Институти ҳуқуқи инсон дар шароити рушди технологияҳои иттиллотию коммуникатсионӣ ва хавфу хатари экстремизм [Матн] / Ш.Т. Аҳёзода // V-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ»: маводи конференсия бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон (10 декабри соли 2022) – Душанбе:, «Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» – 2023. – С. 41-46.

12. Аҳёзода Ш.Т., Урфонзода Д.С., Баъзе аз ҷанбаҳои руҳию равонии шахсияти экстремист ва террорист / [Матн] // Ш.Т. Аҳёзода., Д.С. Урфонзода // IV-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ»: маводи конференсия бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон (10 декабри соли 2021) – Душанбе:, «Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» – 2022. – С. 38-40.

13. Аҳёзода, Ш.Т. Хавфу хатари экстремизм ва терроризм дар шабакаи интернет [Матн] / Ш.Т. Аҳёзода // V-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ»: маводи конференсия бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон (10 декабри соли 2021) – Душанбе:, «Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» – 2023. – С. 50-55.

14. Аҳёзода, Ш.Т. Мазмун ва моҳияти санадҳои меъёрии ҳуқуқии минтақавӣ дар самти муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ [Матн] / Ш.Т. Аҳёзода // 25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо / Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 43-49.

15. Сафарзода Ҳ.С., Аҳёзода, Ш.Т. Нигоҳе аз таърихи миллати форсу тоҷик перомуни паёмадҳои ифротгароии динӣ-мазҳабӣ [Матн] / С.Ҳ. Сафарзода., Ш.Т. Аҳёзода // 25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 211-218.

**IV. Китобҳои дарсӣ ва дастури таълимӣ-методӣ:**

16. Аҳёзода, Ш.Т. Ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн]: китоби дарсӣ: дар III ҷилд. Ҷилди II. / Ш.Т. Аҳёзода [ва диг.] . (Муал. Боби 26. – С 203-258 ва Боби 30. – С 459-506) – Душанбе: «Нашриёти муосир», 2023. – 640 с; ISBN 978-99985-900-7-6.

17. Аҳёзода, Ш.Т. Пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ [Матн]: дастури таълимӣ-методӣ / Ш.Т. Аҳёзода [ва диг.]. – Душанбе: «Торус», 2021. – 136 с; ISBN 978-99975-947-2-3.

Монография, дастурҳо, мақолаҳо ва китоби дарсии интишорнамудаи муаллиф дар умум тамоми ҷанбаҳои таҳқиқоти илмӣ, назариявӣ ва амалиро доир ба мавзуъ фаро мегиранд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф масъалаҳои дар пеш гузоштаашро бо дарназардошти талаботи консепсияҳои муқтадири илмӣ вобаста ба криминализатсия, декриминализатсия ва тафриқакунонии ҷавобгарии ҷиноятӣ бо таври маҷмӯӣ мавриди баррасӣ қарор дода, самтҳои муайяни рушди қонунгузории ҷиноятиро дар самти муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ мушаххас сохтааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки хулосаву пешниҳоду тавсияҳои муаллиф мумкин аст дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, прокуратура, суд ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ зимни муқовимат ба экстремизм, инчунин, дар ҷараёни омӯзиш аз фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, криминология ва квалификатсияи ҷиноят мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** ба сатҳи илмии навгонии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд мутобиқат намуда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳои дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ пешниҳодгардида, инъикоскунандаи он мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур аввалин таҳқиқоти илмӣ дар самти муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Инчунин, дар диссертатсия мафҳуми экстремизми иттилоотӣ ва хавфи ҷамъиятии он ҳамчун навгонӣ пешниҳод гардида, ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятӣ ва маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» пешниҳодҳои мушаххас ироа гардидааст.

Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, навгонии таҳқиқоти илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузоштaшударо инъикос мекунанд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои пажуҳиши мазкур ба воситаи заминаҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок гардида, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи мухолиф набудани онҳо бо илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мувофиқати методҳои илмии истифодашуда бо соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ифода меёбад.

Рисолаи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои пайдарҳамии мантиқӣ мебошад. Натиҷаҳо ва навгонии илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назарияи илми ҳуқуқ, такмили қонунгузорӣ ва ҷараёни таълим ба таври густурда истифода шаванд. Натиҷаҳои бадастомада саҳми шахсии муаллифро инъикос намуда, ба мазмуни диссертатсия арзиши нав зам менамоянд. Бо дарназардошти асосҳои дар боло овардашуда кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаи мазкурро баррасӣ намуда,

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-назариявии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи банди 31-35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси: 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазо ҷиноятӣ тавсия карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 21 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ тарафдор – 21 нафар, зид – нест, бетараф – нест, суратҷаласаи №5 аз 07 ноябри соли 2024.

**Раискунандаи ҷаласа:**
муовини аввали сардори Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ.,
полковники милитсия Ализода А.Ш.

Котиби ҷаласа:
сардори кафедраи мурофиаи
ҷиноятии факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н.и.ҳ., подполковники милитсия Нарзуллозода С.С.

Имзои Ализода А.Ш. ва Нарзуллозода С.С.-ро
тасдиқ мекунам:
муовини сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
полковники милитсия Камолӣ З.Б.
«08» ноябри соли 2024

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-28-01; факс: (+992 37) 226-60-43. Веб сайт: www.avkd.tj. E-mail: avkdtj@mail.ru